СОЗИШНОМА
оид ба ҳамкорӣ байни Кумитаи ҷавонон, варзиш
ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва
Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд,

бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ оид ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,

барои амалӣ сохтан ва рушди ҳаракати волонтёрӣ дар кишвар,

мусоидат намудан ба беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дастрасии гурӯҳҳои осебпазир ба шуғлнокӣ, таҳсилот, саломатӣ ва таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ ва таъмини иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар демократикунонии ҷомеа;

дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» ва дигар қонунгузории алоқаманд;

бино ба эътибор гирифтани муқаррароти Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва Барномаи фаъолияти Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон,

бо дарназардошти имконоти молию амалии барномаҳои соҳавии сиёсати давлатии ҷавонон ва

бо боварии он, ки Созишномаи мазкур ҷавобгӯи манфиатҳои тарафайн хоҳад шуд, ба мувофиқаи зайл омаданд.

## Моддаи 1

Тарафҳо ҷиҳати вусъат додани ҳамкориҳои судманд дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамдигар мусоидат менамоянд.

## Моддаи 2

Дар Созишнома мафҳумҳои зерин истифода мегарданд:

- Кумита – Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ассотсиатсия – Ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон»;

- фаъолияти волонтёрӣ - фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии ихтиёрӣ, ки аз тарафи шахсони воқеӣ дар шакли кору хизматрасонӣ ба манфиати ҷомеа бемузд анҷом дода мешавад;
- волонтёр - шахси воқеие, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба фаъолияти волонтёрӣ машғул мебошад ва ё машғул гаштааст;
- дафтарчаи волонтёрӣ - ҳуҷҷати расмии бақайдгирии фаъолияти волонтёрӣ, ки дорои маълумот оид ба собиқаи меҳнатии волонтёрӣ, мукофотҳо ва тайёрии иловагӣ мебошад;
- шаҳодатномаи волонтёрӣ - ҳуҷҷати расмии тасдиққунандаи шахсияти волонтёр мебошад.

Моддаи 3

Ассотсиатсия барои татбиқи ҷанбаҳои амалии сиёсати давлатӣ оид ба фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шарики масъул баромад менамояд ва дар пешбарии онҳо ҳамкориро бо сохторҳои Кумита ба роҳ мемонад.

Моддаи 4

Кумита барои татбиқи ҷанбаҳои амалии сиёсати давлатӣ оид ба фаъолияти волонтёрӣ дар доираи имконоти фароҳамгашта ва барномаҳои соҳавӣ ҳамаҷониба ба Ассотсиатсия мусоидат менамояд.

Моддаи 5

Тарафҳо барои дастрасии гурӯҳҳои осебпазир ба таҳсилот, саломатӣ ва таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ бо роҳи таҳия ва амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои махсусгардонидашуда мусоидат менамоянд.

Моддаи 6

Тарафҳо барои иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар демократикунонии ҷомеа дар шакли баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии шаҳрвандон тадбирҳо меандешанд.

Моддаи 7

Тарафҳо барои ташаккули системаи идорӣ ва ҳамоҳангсозии ҳаракати волонтёрӣ дар кишвар ва таъсиси механизми расонидани кӯмаки

хайрхоҳона ва гумманитарии суроғавӣ ба қишрҳои осебпазир ва осебдидаи аҳолӣ тадбирҳои амалӣ ба анҷом мерасонанд.

Моддаи 8

Бақайдгирии шахсони хоҳишмандро ба ҳайси волонтёр ва танзими фаъолияти волонтёриро дар кишвар тарафҳо якҷоя тавассути шабакаи интернетӣ ва сохторҳои тобеъ ба роҳ мемонанд.

Барои фаъолияти волонтёрӣ ба шахс шаҳодатнома ва дафтарчаи волонтёрӣ таъмин карда мешавад.

Моддаи 9

Тарафҳо фаъолияти волонтёриро тариқи хизматрасонӣ ва кор, дар самтҳои (шаклҳои) дастгирии иҷтимоӣ (кӯмакҳои хайрявӣ ва машваратӣ), баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва маълумотнокии аҳолӣ, иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ, рушди демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, пешгирии падидаҳои номатлуб, тарзи ҳаёти солим, тарбияи ватандӯстӣ ва фарҳангии ҷавонон, ҳифзи табиат (муҳити зист) ва рушди туризм, рушди соҳибкории иҷтимоӣ ва хоҷагидории фермерӣ ва ғайра ба роҳ мемонанд.

Моддаи 10

Тарафҳо дар ташкил намудани ҳамоишҳо, маҷлисҳои умумӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои васеи алоқаманд ба рушди ҳаракати волонтёрӣ дар кишвар ҳамкорӣ менамоянд.

Моддаи 11

Тарафҳо барои ҷалб намудани фондҳои гуногуни ватанӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххас вобаста ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба фаъолияти волонтёрӣ ҳамаи имконият ва шароитҳои мавҷударо истифода мебаранд.

Моддаи 12

Кумита дар ҳолатҳои зарурӣ амалисозии чорабиниҳои марбут ба фаъолияти волонтёриро бо истифода аз нерӯҳои техникӣ ва манбаҳои молиявии мавҷуда ба Ассотсиатсия фармоиш медиҳад.

Ин навъи ҳамкорӣ бевосита амалӣ гардида, бо Ассотсиатсия ҳамчун манбаи ягонаи муътамад шартномаи алоқаманд ба имзо расонида мешавад.

Моддаи 13

Тарафҳо аз ҳамагуна амалиёте, ки метавонад ба фаъолияти дигаре таъсири манфӣ орад, худдорӣ менамоянд.

Моддаи 14

Ба Созишнома бо розигии Тарафҳо тағйироту иловаҳо даровардан мумкин аст, ки он ба тариқи суратмаҷлиси дахлдор танзим карда мешавад ва қисми таркибии Созишномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Моддаи 15

Созишномаи мазкур ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳо, ки аз дигар созишномаҳо сарчашма мегиранд, дахолат намекунад.

Моддаи 16

Созишномаи мазкур баъди ба имзо расидан эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуда, ба муҳлати 5 (панҷ) сол амал мекунад. Эътибори Созишнома худ аз худ ба давраи панҷсолаи дигар мегузарад, агар ягон Тараф ба таври хаттӣ дар хусуси қатъи амали он (на дертар аз як моҳи қабл аз ба охир расидани даври навбатӣ) хабар надиҳад.

Созишнома дар шаҳри Душанбе «20» марти соли 2014 ба забони тоҷикӣ дар ду нусха тартиб дода шудааст.

| | |
|---|---|
| Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сарвари иҷроияи Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон |
| ____________ Неъматов М.М. | ____________ Миралиев Қ.А. |